# РАТСИОНАЛИЗМИ ИНТИҚОДӢ – ЯКЕ АЗ РОҲҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУБОРИЗА АЛАЙҲИ ЗУҲУРОТҲОИ НОМАТЛУБ

***Шодиев Комрон Олимджонович***
*Аспирант*
Таджикский национальный университет, Исторический факультет, Душанбе, Таджикистан
*E-mail: komronshodiev92@gmail.com*

Тағйирёбии бо суръати ҷомеаи муосир ва ворид гардидани падидаҳои гуногуни сиёсию ахлоқӣ ба фазои маҷозӣ, дастрасии саривақтӣ ба интернет ва шабакаҳои интернетӣ, махсусан зуҳури гурӯҳҳои мухталифи номатлуб дар фазои маҷозӣ ва фазои воқеии ҷаҳон ба сохт ва амнияти давлатҳои миллӣ хатари бузургеро эҷод менамояд. Аз ин лиҳоз ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар чунин шароити ҳассоси таърихӣ кори бениҳоят душворе маҳсуб меёбад. Муҳимтар аз ҳама мубориза алайҳи зуҳуротҳои номатлуб, аз қабили терроризму ифротгароӣ ва тундгароӣ рӯз аз рӯз мураккаб шуда истодааст, чаро ки бо истифода аз роҳҳои мухталиф ва технологияи навин ба мағзшуии тафаккури ҷавонон ва аҳли ҷомеа диққати ҷиддӣ дода истодаанд. Ба ҳамин хотир, аҳли ҷомеа, махсусан ҷавононро мебояд алайҳи чунин зуҳуротҳои номатлуб дастаҷамъона мубориза баранд. Маҳз барои осон намудани мубориза алайҳи зуҳуротҳои номатлуб, ратсионализми интиқодӣ яке аз роҳҳои самаранок ба шумор меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳои худ чунин таъкид намудаанд: “Раванди ҷаҳонишавӣ дар баробари паҳлуҳои мусбати худ имрӯз башариятро дар рӯ ба рӯи омезишу бархӯрди арзишҳо ва фарҳангҳои гуногун қарор додааст. Мо ҳамчун миллати қадима ва фарҳангӣ ҳаргиз мухолифи ҳамдигарро шинохтани фарҳангу тамаддунҳои мухталиф нестем. Баръакс, мо ҷонибдори гуфтугӯи тамаддунҳо ва истифода аз сарватҳои илмӣ ва дастовардҳои фарҳангии халқҳои Ғарбу Шарқ ба хотири таҳкими низоми дунявии давлати худ мебошем” [2, с.447].

Дар пайравӣ аз андешаҳои Пешвои миллат бояд зикр намуд, ки ҷаҳонишавӣ ва таъсироти мусбии онро барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ истифода бурда, пояҳои Истиқлоли давлатиро мустаҳкамтар намоем. Аз ин хотир мақолаи мазкур синтези равиши усулҳои таҳқиқоти илмии Ғарбу Шарқро вусъат дода, онро барои мубориза алайҳи зуҳуротҳои номатлуб усули ҷадид, илман асоснок ва муассиртар меҳисобад. Дар ин мақола мо мехоҳем атрофи яке аз назарияҳои машҳури фалсафаи давраи нав ва муосир **“ратсионализми интиқодӣ”** сухан ронда, нишон бидиҳем, ки ратсионализми интиқодӣ ҳамчун назария (консепсия)-и фалсафӣ хилофи пайдоиши ҳар гуна зуҳурот ва гурӯҳҳои номатлуби террористию ифротӣ буда, мутлақият дар ақидаю назария, ҳақиқати мутлақ ва догмаи фикриро куллан рад намуда, равишаш бар асоси “Ҳақиқати мутлақ вуҷуд надорад, роҳе ба ҳақиқати мутлақ вуҷуд дорад” асос ёфтааст ва хилофи ратсионализми шадид (*ифротӣ ё радикалӣ*) ва хилофи як навъ зиёдахоҳӣ дар усули илмӣ маҳсуб меёбад.

Бояд эътироф кард, ки худи калимаи “ифрот” аз луғати арабӣ гирифта шуда, аз решаи “фарт”, яъне “авҷ” ё “ниҳоят” сохта шудааст. Яъне дар истеъмоли умум ибораи “фарт” ё “ифрот кардан” ба маънои аз ҳадду андоза гузаштан, аз эътидол берун шудан ва ё зиёдаравӣ кардан фаҳмида мешавад [1, с.9].

Чӣ гуна бояд фаҳмид, ки ратсионализми интиқодӣ хилофи ақидаҳою андешаҳои зуҳуротҳои номатлуб, ба монанди даҳшатафканӣ (терроризм), ифротгароӣ (экстремизм) ва тундгароӣ (радикализм) маҳсуб меёбад? Ё чаро ратсионализми интиқодӣ аз дигар ақидаҳо ва усулҳои таҳқиқоти илмӣ бартарият дорад?

Пеш аз оне, ки ба андешаҳо ва равиши илмии худи Карл Поппер – асосгузори назарияи **“рационализми интиқодӣ”** диққат диҳем, бо истифода аз равиши индуктивӣ (аз хулосабарории ҷузъӣ ба хулосабароии куллӣ гузаштан) хусусиятҳои тафаккури гурӯҳҳои террористию ифротгароиро номбар намоем, ки маҳз онҳо хилофи назария ва усули ратсионализми интиқодиянд:

- Мутлақияти тафаккур. Ин маънои онро дорад, ки тафаккури террористию ифротӣ хусусияти мутлақ дошта, догмаро дар тафаккури инсон ҳамчун тухми бадбинии ақидаҳои мухолиф ё ақидаҳои гуногун кошта, қабул намудани ақидаи мавриди назари худро, бе он ки он зери суол бурда шавад, талқин менамояд. Аммо ратсионализми интиқодӣ мутлақияти тафаккурро қабул надорад ва зери суол бурдани ҳар назареро аз хусусиятҳои асосии худ мешуморад;

- Ҳаққонияти мутлақ. Ин маънои онро дорад, ки тафаккури террористию ифротӣ дар зеҳни мардум ҳақиқати мутлақ будани андешаҳои ифротиро ҳамчун меъёри инсонию динӣ нишон дода, ҳар назар ва ақидаи илмию диние, ки хилофи он бошад ботил меҳисобад. Вале ратсионализми интиқодӣ бар асоси меъёри: “Ҳақиқати мутлақ вуҷуд надорад, роҳе ба ҳақиқати мутлақ вуҷуд дорад”, асос ёфтааст ва ҳеҷ як назария ва ақидаи илмиро ба унвони ҳақиқати мутлақ эътироф наменамояд;

- Эътироф ва интихоб накардани назария бартар. Ин маънои онро дорад, ки тафаккури террористию ифротӣ озодии интихоби андешаро марбути инсон намеҳисобат, балки онро мутлақи Худо медонад. Албатта ин равиш пеш аз ҳама хилофи ояҳои китоби муқаддаси Қуръон (ояи 256-и Сураи Бақара) мебошад. Дар инҷо суистифода аз дин ошкоро намоён аст. Тафаккури ратсионализми интиқодӣ бошад дар сурати мавҷудияти истидлоли кофӣ ва санҷиши назария онро назарияи дуруст ва бартар эътироф менамояд;

- Таассуб ва эҳсосот. Ин маънои онро дорад, ки гурӯҳҳои террористию ифротгарой дар фаҳмиши илмию динӣ таассубона рафтор намуда, бо истифода аз хусусиятҳои эҳсосӣ дурустии ҳаққонияти тафаккури худро исбот менамоянд. Аммо назарияи ратсионализми интиқодӣ таассуб ва қувваҳои ҳиссиро барои исботи ҳаққонияти назарияҳои илмӣ асло истифода намебарад;

- Нақд ва интиқодро намепазиранд. Ин маънои онро дорад, ки барои гурӯҳҳои террористию ифротӣ интиқод умуман як усули бегонаест ва истифода аз онро то он ҷое манъ намудаанд, ки ҳатто истифода аз он инсонро ба “куфр” бурда мерасонад. Вале чуноне, ки аз номи назарияи ратсионализми интиқодӣ маълум аст, истифода аз ақл ва интиқод хусусияти меҳварии он ба шумор меравад ва аз меъёрҳои асосии таҳқиқоти илмӣ маҳсуб меёбад.

Акнун мехоҳем дар хусуси меъёрҳо ва хусусиятҳои асосии ратсионализми интиқодӣ ба таври амиқ нигариста, мухолифати онро бар тафаккурри террористию ифротгарой равшан созем.

Асли сухани Карл Поппер то кунун ин буд, ки “Аз равиш ва усули озмоиш ва иштибоҳ, усули тахмин (ҳадс) ва ибтолпазирӣ, дигар равиш ё усули оқилонатаре вуҷуд надорад” [7, с.51] ва ягона анъанаи оқилона ин анъанаи интиқодӣ аст. Ба ақидаи Поппер, ҳеҷ роҳи дигаре ба ҷуз ин анъана барои наздик шудан ба ҳаҳиҳат ва ноил шудан ба пешравии дониш ва инчунин тавзеҳ додани ин пешравӣ дигар роҳе мавҷуд нест [7, с.151]. Танҳо он талошҳо оқилонаанд, ки бо нишон додани нодуруст (ботил) будани назарияҳо нигаронида шудаанд.

Дар ин росто суоле ба вуҷуд меояд, ки иддаои дар боло зикршудаи Попперро ба ҳайси методология ё равиши фалсафӣ чи гуна асоснок ё дифоъ кард? Чаро бояд ратсионализми интиқодиро пазируфт? Агар касе ҳозир ба пазириши ратсионализми интиқодӣ набошад, чи гуна бояд ӯро ба пазириши он мутмаин сохт? Чунин ба назар мерасад, ки тибқи ақидаҳои маърифатшиносии (гнесиологии) Поппер, посух ба чунин навъи суолҳо бояд дар

чунин шакл бошад: Мо наметавонем дар бораи асоснокӣ ва исбот ҳарф занем, балки худи ин нуктаи назарро низ бояд омӯхт ва аз назари интиқодӣ мушоҳида кард. Агар он ба баррасиҳои (имтиҳонҳои) сахт ва ҷиддии танқидӣ тоб оварад, пас ин (муқовимат ба танқид) метавонад ҳамчун ҳимояи муваққатии оқилонаи интиқодӣ ҳисобида шавад ва онро оҷилан нигоҳ доштан мумкин аст. Дар акси ҳол, онро бояд аз доираи озмоиш берун баровард. Аммо Поппер ин посухро намепазирад ва ё шояд намеписандад ва онро ратсионализми шадид (*ифротӣ ё радикалӣ*) ва як навъ зиёдахоҳӣ медонад. Поппер чунин мавқеъеро, ки ба кор бурдани муносибати оқилона ва танқидӣ, ҳатто нисбат ба худи ратсионализми интиқодӣ талаб мекунад, ратсионализми фарогир (*rationalism comprehensive–ратсионализми ҳамаҷониба*) меномад ва азбаски ин равиш хостаи худро мавриди нақд ва арзёбӣ қарор намедиҳад, бо унвони ратсионализми ғайриинтиқодӣ ёд мекунад ва чунин ибрози андеша менамояд: "Ман омода нестам чизеро қабул кунам, ки бо истидлол (далел) ва таҷриба тасдиқ карда намешавад" [4, с.229].

Аз назари Поппер, азбаски ин суханро худи ӯ гуфтааст, ки баробар ба фарзияи он аст, ки "ҳар фарзияе, ки бо истидлол ва таҷриба ҳимоят карда намешавад, нодуруст аст", на бо истидлол ва на бо таҷриба тасдиқ мешавад. Аз ин рӯ, ратсионализми фарогир бо зиддият ва мушкилоти мантиқӣ рӯ ба рӯ мешавад ва аслан, ба хотири он, ки ҳама далелҳо бояд аз маҷмӯи тахминҳо оғоз шаванд, интизор шудан ғайриимкон аст, ки ҳама фарзияҳо бар пояи ақл қарор мегиранд. Дар мавриди интизории равиши оқилонае, ки бар асосу истидлол ё таҷруба асос ёфтааст, ҳамчунин бояд гуфт: "На истидлоли мантиқӣ метавонад равиши ақлониро собит кунад, на таҷриба, зеро ин масъала фақат барои касоне корсоз хоҳад буд, ки ҳозир бошанд истидлол ё таҷрибаро мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳанд, яъне аз қабл ин равишро пазируфта бошанд" [4, с.230].

Поппер ниҳоятан натиҷагирӣ намуда, қайд мекунад, ки ратсионализми фарогир ғайри қобили дифоъ (қабул) аст. Пас дар бобати пазириши ақлгароии интиқодӣ чи бояд гуфт? Аз нигоҳи Поппер ҳар касе, ки равиши ақлгароиро мепазирад, дар воқеъ тафаккури онро тарзе инкишоф медиҳанд, ки огоҳона пешниҳоде, тасмиме, боварие ё рафтореро пазируфтааст. Бинобар ин, Поппер муътақид бар он аст, ки ратсионализми мо аз созгории мантиқӣ бархурдор бошад ва ба таноқузи ратсионализми фарогир мубтало нашавад. Бояд бидонем, ки мабнои пазириши ин навъ ратсионализм наметавонад ақлонӣ бошад. Барои мисол: "Ратсионализми интиқодӣ, ин воқеиятеро мепазирад, ки равиши бунёдии ақлгаро, ҳосили як иқдоми (ҳади ақал муваққатӣ) имонӣ, имон ба ақл аст... Мо дар интихоби шакли интиқоди ратсионализм озод ҳастем" [4, с.231].

Поппер на танҳо ратсионализми интиқодии худро аз ин ҷиҳат мантиқан созгор медонад, балки ирратсионализмро (ақлнобовариро) низ мувофиқ ва озод аз самти зикршуда созгор ва орӣ аз айбҳои мантиқӣ (ва ҳатто бартар ё қавитар аз ратсионализми ғайриинтиқодӣ) медонад. Акнун дар чунин вазъ, мушкили асосӣ ин аст, ки Поппер чи гуна дигаронро ба қабули ратсионализми интиқодӣ даъват мекунад (на ирратсионализм). Дар ин ҷо ҳам чизе аз мантиқ ва истидлол вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, Поппер бо роҳи дигар вориди масъала мешавад: "Ин интихоб сирфан як масъалаи фикрӣ ва ё тобеъи завқу салиқа нест. Чунин интихобе, як тасмими ахлоқист" [4, с.232]. Зеро ин тасмим як тасмими табъӣ (завқӣ) ва хусусӣ нест ва тасмими фард дар ин замина ба афроди дигар ва зиндагии онҳо таъсири амиқ мерасонад, аз ин рӯ, ҳар кас бояд дар ин масъала эҳтиёткор буда, масъулияти ахлоқӣ ва маънавии худро иҷро кунад.

Поппер баъд аз оне, ки нақши истидлолро дар ҳимоят аз ратсионализми интиқодӣ ба кулли инкор намуда, вақте баҳсро ба ин нукта мерасонад ва тасмими дубораи пазириш (ё инкори) ратсионализми интиқодиро як тасмими ахлоқӣ муаррифӣ мекунад, ӯ дубора ба эҳё ва таҳкими нақши зикршуда шуруъ мекунад. Ӯ қайд кекунад, ки дуруст аст, ки истидлол наметавонад чунин тасмими бунёдиро таъин кунад, вале ин бар он маъно нест,

ки ҳеҷ навъи истидлол наметавонад ба интихоби мо кӯмак кунад. Баръакс, ҳар гоҳе, ки мо бо тасмими ахлоқии таҷридӣ (абстрактӣ) рӯ ба рӯ мешавем, таҳлили дақиқи паёмадҳо ва натоиҷи ҳар як гузинаи интихобӣ нақш ва манфиати бештаре хоҳад дошт. Зеро, танҳо дар сурате воқеъан дарк кунем, ки тасмими мо чист, мо метавонем ин паёмадҳоро ба таври қобили мулоҳиза ва амалӣ тасаввур намоем. Дар акси ҳол, тасмими мо ҷуз як тасмими кӯркӯрона (догмативӣ) чизи дигаре нахоҳад буд. Дар ҳақиқат ҳамчуноне, ки аз ин матлаб низ ба хуби пайдост, Поппер тасмимҳоро ба ду навъ тақсим мекунад: яке тасмимгирии кӯркӯрона ва худсарона, дигаре тасмимҳое, ки аз назарот ва китобҳо сарчашма мегиранд ва метавон онҳоро ба пайравӣ аз Гуннар Андерсон "...тасмимҳои гирифташуда бо чашмҳои боз номид... [6, с.27]". Бо ин тартиб Поппер, ки натавониста буд аз ратсионализми интиқодӣ бо кӯмаки худи он дифоъ кунад ва ночор пазириши онро ниёзманди як тасмим эълом карда буд, изҳор медорад, ки чун ин тасмим аз навъи дуввум хоҳад буд (ё бояд бошад), бинобар ин дар мавриди асос ё мабно ва такягоҳ ратсионализм ҷои ҳеҷ гуна нигаронӣ нахоҳад буд.

Аз ин хотир, Поппер зикр мекунад, муҳимтарин паёмадҳое, ки ӯро водор бар он кард, ки тасмим бигирад, то ратсионализми интиқодиро пазируфта ва қабул кунад, ин инсонгароӣ (инсондӯстӣ), таҳаммулпазирӣ ва парҳез аз хушунат ба ҳисоб мерафт. Ҳар касе, ки ба ратсионализми интиқодӣ боварӣ дошта бошад, на танҳо ба ақли худ, балки ба ақли дигарон ҳам боварӣ хоҳад дошт ва кӯшиш мекунад, ки аз онҳо ба унвони ибрат истифода барад. Ратсионализми интиқодӣ ҳеҷ гоҳ аз ақидае, ки шумо бояд ба суханони дигарон гӯш диҳед ва ба онҳо ҳуқуқ диҳед, то ки далелҳои худро дифоъ кунанд, фориғ нест. Вақте касе, ки ин ақидаро (ратсионализми интиқодиро) қабул мекунад, ӯ бар ивази амалҳои зӯроварӣ ва фишор, бар пои баҳсу мунозира хоҳад нишаст [4, с.233-240].

Чунин ба назар мерасад, Поппер баъд аз изҳори безорӣ аз хушунат ба чунин хулоса омадааст: "Ман ба он сабаб ратсионалист (ақлгаро) ҳастам, ки рӯйкард ва равиши ратсионализмро ягона гузинае бар хилофи хушунат медонам [7, с.255]. Барои хуб дарк намудани мақсади асосии Поппер, мумкин аст чунин илова намоем, ки худи ӯ дар муқаддимаи яке аз асарҳояш баъд аз муаррифии муҳтавои асосии ибораи "Шояд ман бар равиши хато бошам ва ҳақ бар ҷониби шумо бошад, аммо мумкин аст, ки мо битавонем бо саъю кӯшиш ба ҳақиқат наздиктар шавем" ба унвони асл ва моҳияти ратсионализми интиқодӣ меафзояд. Тавлиди ин ғоя мадюни рафтори як узви ҷавони ҳизби миллиятчии сотсиалистӣ аст, ки тақрибан соли 1933 дар ҳоле, ки либоси ҳарбӣ дар тан дошта, тапонча низ ба камар баста буд, бо он ки на сарбоз буду на полис, аз ӯ мепурсанд, ки: "Чӣ? Оё шумо мехоҳед баҳс кунед? Ман баҳс намекунам, тир холӣ хоҳам кард" гуфта, ҷавоб мегардонад. Поппер пас аз ёдовар шудани ин воқеа думболи таълифи асари машҳураш "Ҷомеаи кушода ва рақибони он" гашт [3, с.12-13].

Ба ҳар ҳол, Поппер баъд аз он, ки таҳкими пояҳои ақлгароияшро бо унсурҳои ақлонӣ имконнопазир арзёбӣ мекунад ва ба худкифо будани ратсионализми интиқодӣ ҳукм мекунад, саъй мекунад то ақлгароиро бо аносире ғайр аз худаш дифоъ намояд. Аз ин рӯ устувортарин унсурҳое, ки ӯ эҳсос мекард, ки метавонад дар ин ҳадаф ба ӯ кӯмак намоянд, ин ахлоқ аст, аз ин рӯ Поппер решаи ратсионализми интиқодиро дар сарзамини ахлоқ кошт.

Ҳамин тавр, аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки муњимтарин нуктаи назари Поппер, ки фалсафаи ӯро аз дигар мактабҳо фарқ мекунонад ва ба њамон такя намуда, дар бораи маърифатшиносӣ сухан меронад, ин интиқоди махсус ба муносибати истисноӣ ва интиқодӣ дар муносибат бо назарияҳо, инчунин исрори комилан даст кашидан аз муносибати мусбат ба манфиати муносибати манфӣ мебошад. Поппер чунин меҳисобад, ки мувофиқи пешрафти илм, он шарҳи муваффақи худро ба даст овардааст ва он барқароркунандаи ратсионализми интиқодӣ ба шумор меравад.

**Адабиёт**


1) Абдуллоҳи Р. Хатари гурӯҳҳои ифротгароии динӣ чист? [Матн] // Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. – 128с.
2) Аз Паём то Паём (аз солҳои 2001 - 2021). Мураттибон: Шарипов Р.М., Тураев Қ.А., Зоиров С.М. Матбааи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. – 723с.
3) Поппер К.Р. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷ. 1: Афсунҳои Афлотун. [Матн] // Тарҷумаи Р.З. Назариев аз забони русӣ. – Душанбе: Эр-Граф, 2020. – 376 с.
4) Поппер К.Р. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷ. 2: Замони пайғомбарони дуруғин: Гегел, Маркс ва ғайбдонони дигар. [Матн] // Тарҷумаи Р.З. Назариев аз забони русӣ. – Душанбе: Эр-Граф, 2020. – 436 с.
5) Поппер К. Эволюционная эпистемология и логика социальных наук: [Текст] // Карл Поппер и его критики. М.: Эдиториал УРСС, 2000. 464 с.
6) Andersson G. Critical rationalism and the principle of sufficient reason. [Text] // In Zuzana Parusniková & R. S. Cohen (eds.), Rethinking Popper. Springer, 2009. pp. 21-30.
7) Popper, Karl: Conjectures and Refutations: The Growth of Scientific Knowledge. [Text] // London, Routledge & Kegan Paul, 2002. p. 311.
8) Popper, Karl. The Logic of Scientific Discovery. [Text] // London-New York, Routledge, 2002. p. 7-8.
9) Karl Popper. Objective Knowledge: An Evolutionary Approach. [Text] // Oxford: Clarendon Press. 1972. P.1.
10) Karl Popper “The Problem of Induction”, Popper Selections. [Text] // Ed. David Miller, Princeton-New Jersey, Princeton University Press, 1985, p. 114.


## КРИТИЧЕСКИЙ РАЦИОНАЛИЗМ – ОДИН ИЗ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ СПОСОБОВ БОРЬБЫ С НЕПРАВИЛЬНЫМИ ПРОЯВЛЕНИЯМИ

**Аннотация.** Автор данной статьи попытался рассказать об одной из известных теорий философии новой и современной эпохи «критическом рационализме» и показать, что критический рационализм как философская теория (концепция) выступает против любых отрицаний и абсолютизма, и в основе его подхода лежит на «Нет абсолютной истины, есть путь к абсолютной истине», базируется на ней и считается противоречащим крайнему рационализму (*крайнему или радикальному*) и противоречащим своего рода экстравагантности в научном методе. Ссылаясь на научную методологию Карла Поппера, автор упоминает в этой статье, что всякий, кто верит в критический рационализм, будет верить не только в свой собственный разум, но и в умы других и будет пытаться учиться на их примере.

**Ключевые слова:** Карл Поппер, теория, метод, философские методы, методология, философские теории, эксперимент, фальсифицируемость.

## CRITICAL RATIONALISM IS ONE OF THE THEORETICAL WAYS TO COMBAT IRREGULAR MANIFESTATIONS

**Annotation.** The author of this article tried to talk about one of the well-known theories of philosophy of the new and modern era, “critical rationalism,” and show that critical rationalism as a philosophical theory (concept) opposes any denials and absolutism, and its approach is based on “There is no absolute truth, is the path to absolute truth,” is based on it and is considered to be contrary to extreme rationalism (*extreme or radical*) and contrary to a kind of extravagance in the scientific method. Referring to the scientific methodology of Karl Popper,

the author mentions in this article that anyone who believes in critical rationalism will not only believe in his own mind but also in the minds of others and will try to learn from their example.

**Key words:** Karl Popper, theory, method, philosophical methods, methodology, philosophical theories, experiment, falsifiability.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Шодиев Комрон Олимҷонович** – муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара. **Суроға:** ш-ки. Данғара, кӯчаи марказӣ, 25. **Тел:** (+992) 004666765.

**Сведения об авторе: Шодиев Комрон Олимджонович** – старщий преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин Дангаринского государственного Университета. **Адресс:** ул. Маркази 25, Дангаринский р/н. **Тел:** (+992) 004666765.

**Information about the author: Shodiev Komron Olimjonovich** – Senior Lecturer at the Department of Humanities of Dangara State University. **Ad:** St. Markazi 25, Dangara. **Phone:** (+992) 004666765.